«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ
__________ Хайрзода Ш.Қ.
“ 08 ” ____04____ соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ –тарбиявӣ”аст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.

Мубрамии мавзуи диссертатсионӣ, ки барои таҳқиқот интихобнамудаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ бо он маҳсуб мегардад, ки рушди устувори ҷомеа ниёз ба дарёфти таҳсилоти босифат, ки барои ҳаёт зарур аст, ба миён овардааст ва донистани салоҳиятҳои худ дар раванди тарбия, таълими босифат, доштани тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои истифодаи дурусти салоҳиятҳои асосии насли “асри илму техника” арзёбӣ шудааст.

Аз ин лиҳоз, такмил додани низоми таҳсилотӣ дар шароити кунунӣ, яке аз ҷанбаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад. Робитаи бевоситаи миёни онҳо ба рушди технологияҳо,

таркиби мухтавоӣ, воситаҳо ва методҳои раванди таълим дар ҷомеаи муосир вобаста мебошад.

Дар замони ҳозира барои низоми таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тайёркунии донишҷӯёни коллеҷҳои дорои рақобатпазирӣ ва тахассуси баланд, ки ба онҳо имкони амалисозии фаъолияти бомуваффақияти касбии онҳоро имконпазир гардонад, мубрамии вижа касб намудааст.

Низоми таҳсилоти ҶТ барои бо мутахассисони соҳибтахассус қонеъ гардонидани кишвар фаъолияти ҳадафмандона амалӣ мекунад, ки он ба тайёркунии донишҷӯёни коллеҷҳои дорои ҳамаи маҷмуи салоҳиятҳои касбӣ нигаронида шудааст. Ҳолати кунунии технологияҳои иттилоотӣ бо рушди босуръати худ имкон медиҳад, ки дар сурати ҳамгироии онҳо бо илми педагогикаи муосир стратегияҳои инноватсионии таҳсилот таҳия гарданд. Эҷоди амсилаҳои нави таҳсилотӣ коркарди равиши дигарро нисбат ба амсилаи кори синфӣ дар назар дорад, ки он битавонад талаботи дар донишҷӯён ташаккулдиҳии салоҳиятҳои касбиро пурра қонеъ намояд ки салоҳиятҳои касбии мутахассиси тибби муосир бояд маҷмуи дастуроти арзишӣ, дониши дорои ҷанбаи фарҳангӣ ва касбӣ, ақидаҳо дар бобати саломатӣ ва ҳаёти инсон, дарки аҳамияти бузурги касби тиббӣ барои ҷомеаи муосир баррасӣ гарданд. Мо итминони комил дорем, ки таҳкурсии касбияти мутахассиси тиб салоҳиятҳои касбии дар ӯ ташаккулёфта мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилоти таҳсилоти миёнаи касбии муосир масъалаи ташаккули салоҳияти мутахассисони оянда мебошад. Дар низоми тайёрии касбии мутахассисони ҷавон фосила байни мазмуни меъёрӣ дар худуди меъёрҳои мавҷуда ба вуҷуд меояд. Стандартҳои давлатӣ ва талаботи амалии мушаххаси бозори меҳнати муосир рақобатпазириро аз мутахассиси ҷавон талаб мекунад. Ин норасоиро бо роҳи дар раванди таълим ҷорӣ намудани эҷодкорӣ ба воситаи амсилаи таълимии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) рафъ кардан мумкин аст, аз ҷумла дар асоси равиши ба салоҳият асос ёфта.

Бояд таъкид сохт, ки дар раванди таълиму тарбия, танҳо пас аз омӯзиш ва муайян намудани шавқу рағбат ва қобилияти заминавии донишҷӯён омӯзгор бояд дар ҷараёни таълиму тарбия намунаи ибрати шахсӣ ва соҳиби дараҷаи баланди малака, маҳорат ва санъати педагогӣ бошад.

Мақсад аз ақидаи дар боло зикршуда собит бар он аст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар ҷомеаи

имрӯзаи муосир муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он тибқи талаботи рузгори имрӯза ба таълиму тарбияи ҷавонони кишвар, омода ва барои ҳимоя манзур шудааст.

Ба андешаи мо аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи ҷавонон ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ба вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён, зимни раванди таълиму тарбия, ки дар диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ таҳлилу таҳқиқи ва баррасӣ гардидааст,мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воқеан таҳқиқоти Маҳмудзода Қ.Н. аз ҷиҳати илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ арзёбӣ гардида, дар он масъалаҳо муҳими асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, ба таври васеъ таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Бояд таъкид созем, ки муаллифи рисолаи илмӣ ҷиҳати таҳқиқ фарзияи илмии таҳқиқотро ба таври воқеъбинона хеле дуруст ва нишонрас муайян карда, ошкор кардааст, ки равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ба таври самаранок ба роҳ монда хоҳад шуд, агар:

– муносибат ва муомилаю муошират бо донишҷӯёни курсҳои гуногун дар давраҳои гуногуни таҳсил чӣ тавр аст, амсилаҳои таҷрибавии муайян кардани хусусиятҳои алоҳидаро ташкил карда шаванд;

– аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани роҳу воситаҳои ташаккули муошират  педагогӣ бо донишҷӯён;

– коркарди амсилаи таҳлилӣ-ташкилии ҷараёни тарбия, ба воситаи озмоиш ҳал кардани муносибатҳо байни омӯзгор ва донишҷӯ;

– амсилаи таҷрибавӣ-таҳлилии ташкил дар ҷараёни тарбия дар асоси якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни омӯзгору донишҷӯ коркард мешавад;

– амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилии ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ вобаста ба хусусиятҳои худ дар якчанд зина гузаронида

мешаванд: дуруст ташкил намудан ва гузаронидани таҷрибаҳои педагогӣ бо назардошти усули муосири педагогӣ.

Воқеан таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ бадастовардаи унвонҷӯй Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ аз он далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии дарёфтанд.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ таҳқиқи бapapсӣ шуда, моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбиро бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир дар заминаи таҳлили маводҳои илмии ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахлдори олимон, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ , самтҳои назариявии аҳамияти илмӣ-педагогии вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш аз дидгоҳи илмӣ ва дар заминаи арзёбии андешаву мулоҳизоти олимону муҳаққиони ватаниву хориҷӣ ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Маҳмудзода Қ.Н. оид ба масъалаҳои дар зеробҳо инъикосёфта андешаҳои шахсии худро баён сохта, вобаста ба онҳо пешниҳодҳо ва тавсияҳо манзур намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия санҷиши озмоишии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ таҳқиқу арзёбӣ шуда, дар ин ҷода масоили мубрам аз лиҳози вазъи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш, технологияи татбиқи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ, инчунин нишондиҳандаҳои рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар рафти озмоиши гузаронидашуда, самаранокии онҳо мавриди озмоиш инъикос ёфтааст.

Ба андешаи мо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бе шубҳа ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии донишҷӯён таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии таҳқиқот дар он маҳсуб меёбад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ асосҳои методологии омӯзиши проблемаи ташаккули аҳамияти илмӣ-педагогии амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилии таълиму тарбия тибқи талаботи ғояҳои педагогикаи муосирро то андозае аниқ кардааст; роҳу усулҳои ташаккули фикрронии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯёнро мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир коркард кардааст; ошкор кардааст, ки кор бо донишҷӯ, дарки масъулият на танҳо хоси раванди тарбия аст, балки салоҳияти аз ҳама асосии барои тамоми фанҳо зарурӣ мебошад; омилҳои асосии дарки маъниро, ки бархе аз донишҷӯён аз уҳдааш намебаромаданд, ба қадри имкон асоснок кардааст; ҷиҳати воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барнома ва методикаи кор бо донишҷӯён нахустин бор роҳу усулҳои беҳтару хубтари раванди таълиму тарбияро коркард ва пешниҳод кардааст.

*Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:*

– тасҳеҳ ва ғанисозии нақшаҳои корҳои таълимию тарбиявӣ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти амсилаҳои таълимӣ-таҷрибавӣ собит шуданд ;

-роҳу усулҳои истифодаи адабиёти илмӣ-методӣ аз ҷониби донишҷӯён ба мақсади пайдо намудани тасаввуроти кофӣ оид ба истифодаи амсилаҳои таҷрибавӣ - таҳлилӣ ва ғайра муайян ва коркард карда шуданд;

– роҳҳои баргузор намудани машғулиятҳои амалӣ доир ба истифодаи таҷрибаҳои омӯзгорӣ, саҳроӣ, таҷрибавӣ, инчунин фаъолона ҷалб намудани донишҷӯён ба чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ дар муасисаҳои таълимӣ ва ғайра баррасӣ карда шуданд;

– таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои корҳои таълимию тарбиявӣ, сенария ва барномаи чорабиниҳо бо такя ба амсилаҳои таҷрибавӣбо назардошти татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир коркард карда шуданд;

– роҳу усулҳои баргузор намудани конференсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ миёни донишҷӯён доир ба татбиқи амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ баррасӣ карда шуданд;

– тасҳеҳ ва ғанисозии нақшаҳои корҳои таълимию тарбиявӣ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти амсилаҳои таълимӣ-таҷрибавӣ собит шуданд ;

– шаклҳои самарабахши кори омӯзгорон доир ба ғанисозии амсилаҳои таҷрибавӣ-таҳлилӣ дар тарбияи донишҷӯён, ки ба фаъолнокии онҳо мусоидат мекунанд баррасӣ карда шуданд.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:*

- амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки ба рушди маҳорату малакаҳои таҷрибавӣ -таҳлилии ташкили раванди таълиму тарбия зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир ва дарки маънифаҳмии донишҷӯён мусоидат менамояд;

- натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методиии таҳия ва ироашуда имконият медиҳанд, ки талаботи ташкили раванди таълиму тарбия зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир барномаи таълимӣ таҷдиди назар шаванд;

- роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълим, дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили корҳои тарбиявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди ташаккули фикрронии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён, ҳамзамон ғояҳои инноватсионии такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосирро таъмин хоҳанд кард;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши донишҷӯён истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология қарор гиранд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди таълиму тарбияи донишҷӯён, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгоридошта, дар курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва таҳияи диссертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ ва рефеативӣ истифода шаванд.

<u>Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.</u> Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии психологҳо, педагогҳо, файласуфон ва олимони ватаниву хориҷӣ омӯхта шудааст, ки дар онҳо ҷанбаҳои педагогии ташаккули фикрронии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён, ғояҳои инноватсионии такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир таҳқиқ гардидаанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқарраротии назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим,

педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки дар филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб, инчунин семинарҳои омӯзишии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб барои муаллимони муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баргузор гардидаанд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб баргузоршуда ироа шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки ташаккули фикррониии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён аз фаъолияти омӯзгор маҳсуб меёбад ва бо мақсади ташаккули ғояҳои инноватсионии такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор ба омӯзгорон ва муаллифони китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии кишвар як силсила тавсияҳоро пешниҳод намудааст, то дар фаъолияти амалии хеш мавриди истифода қарор диҳанд, масалан, яке аз ин тавсияҳоро барои исботи фикр манзур менамоем: “Мафҳумҳои педагогикаи замони нав на танҳо аз омӯхтан ва аз бар намудани донишу малака иборат аст, балки ба донишҷӯ фароҳам овардани фазои татбиқ карда тавонистани донишҳои азбарнамуда, инчунин муқоиса кардани дастовардҳои таълимӣ – тарбиявӣ ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ будан мебошад.”, ки воқеият доштани таҷрибаи амалии муаллиф дарак медиҳад.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ ягон шубҳаангез набуда, боэътмод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами асосҳо ва шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои кор бо донишҷӯён равона карда шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳкикот, мантиқи фикррони ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ дар раванди таълим аҳамияти махсусро доро буда, ба ташаккули маҳорату малакаҳои фаъолнокии маърифатӣ, фикрронии мантиқиву интиқодӣ, эҷодкориву таҳлил ва муоширату баёни озоди андешаи донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо мумкин аст, ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагони хурдсол мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ қарор гирифта, амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони зинаи аввали таҳсилот ва дар таҳияи корҳои илмӣ ба тавр васеъ истифода бурд.

<u>Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.</u> Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани мухлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

<u>Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.</u> Дар баробари дастовардҳои

муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мебуд, агар тавсияву пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ироашуда дар шакли амсилаи ташаккули малакаҳои кор бо донишҷӯён, ташаккули фикррониии эҷодӣ ва инноватсионии донишҷӯён коркард ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар заминаи амсилаи мазкур баргузор карда мешуд ва ба ин восита барои омӯзгорони макотиби олии кишвар имрӯз як дастури методие аз таҷрибаи муаллифи диссертатсия рӯи кор омада, мавриди истифодаи онҳо қарор мегирифт.

2. Муаллифи диссертатсия таъкид кардаанд, ки “Ғояи таҳқиқот хусусиятҳои инноватсионӣ дошта, асоси онро пешниҳоди технологияи такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад.” Бисёр хуб мешуд, агар довталаб барои исботи ин андешаашон масъалаи мазкурро бештар шарҳу тафсир мекарданд, то бо ҳамин восита хонанда метавонист бо технологияҳои инноватсионии такмили ихтисоси омӯзгорон ошноӣ пайдо кунад.

3. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки муаллим дар муошират бо хонандагон чунин принсипро риоя мекунад: «На дар паҳлӯ ва на боло, балки якҷоя!», вале ин усули таълим аз ҷониби муаллиф ба таври мукаммалу густурда таҳлилу тафсир нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, киислоҳи мехоҳанд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмудзода Қумринисо

Нуралӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедари педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Дилором Ҷаборовна мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара 12 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 08.04.2023, №9.

Раиси семинар, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, номзади илмҳои ҳуқуқ, доктори илмҳои сиёсӣ — Қозиён Ш.Қ.

Раиси Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсиони ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ — Набиев Ҷ.Ғ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ — Ғафурова Д.Ҷ.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ — Гулзода Н.

08.04.2023

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25·; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; E-mail: dddangara_2013@mail.ru; www.dsu.tj

*Имзои Ш. Қозиён, Ҷ. Набиев, Д. Ғафурова ва Н. Гулзодаро тасдиқ мекунам.*

*Сардори ШК ва КМ ДДД* — *Ҷабборӣ Н.Ҷ.*